***ТКБ 8Т2***
***DOI:10.51844-2077-4990-2023-1-191-198***

***СИМОИ АНӮШЕРВОН ДАР "ҶАНГ БО ФОРСҲО"-И ПРОКОПИЙ***

***Юлдошев Абдулло Қурбонмаматович,*** *н.и.ф., дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Тоҷикистон, Душанбе)*

***ОБРАЗ АНУШЕРВОНА В ПРОИЗВЕДЕНИИ ПРОКОПИЯ "ВОЙНЕ С ПЕРСАМИ"***

***Юлдошев Абдулло Курбонмаматович,*** *к.ф.н, доцент кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета (Таджикистан, Душанбе)*

***ANUSHERVON'S IMAGE IN THE WORK OF PROCOPIUS "WAR WITH THE PERSIANS"***

***Yuldoshev Abdulla Kurbonmamatovich,*** *candidate of philology, As.prof. of the department of the history of Tajik literature of Tajik National University, (Tajikistan, Dushanbe),*
***E-mail:*** *romish2004@inbox.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Рум, Эрон, Прокопий, Юстиниан, Анӯшервон, усқуф, чӯби дори ҳазрати Исо, Байнаннаҳрайн, Антокия, Ҳалаб, Румия, муҳориба, пирӯзӣ, шикаст*

*Дар мақола симои Хусрави Қубодон – Анӯшервон дар асари "Ҷанг бо форсҳо"-и таърихнигори асри VI юнонӣ Прокопий зодаи Қайсария ба баррасӣ кашида шудааст. Қайд мешавад, ки меҳанпарасти румӣ Прокопий натавонистааст, ки симои аслии Анӯшервонро ба таври шоиста ба таҳрир кашад. Масалан, дар муҳорибаҳои Анӯшервон Прокопий тасвир мекунад, ки мақсади шоҳаншоҳ ғорат кардани ин ё он шаҳр буд. Аммо бо ин ҳама дар чанд ҷое менависад, ки шоҳаншоҳ дар ҷанг ҳам адолате дошт ва намегузошт, ки рафтори нораво ба кор бурда шавад. Чунончи, таҷовуз ба номуси занони шаҳре, ки гирифта шудааст. Подоши содир намудани ин рафтор қатл буд. Як хусусияти образи шоҳон дар муҳорибаҳо дар "Шоҳнома" аз он иборат аст, ки подшоҳони Сосонӣ тақрибан то Ҳурмузди VI бевосита дар ҷанг иштирок мекунанд ва фармондеҳии лашкарро ба ӯҳда мегиранд. Чӣ дар сарчашмаҳои юнонӣ ва чӣ дар "Шоҳнома"-ю сарчашмаҳои арабу мусулмонӣ боз ҳам тақрибан то асри VI дар набардҳо бо Рум лашкари сосонӣ шикаст намехӯрад. Дар натиҷа Рум ӯҳдадор мешавад, ки ба Сосониён боҷ супорад.Дар гузориши Прокопий як нуктае мегузарад, ки умуман дар сарчашмаҳо ба назар нарасидааст.Ин ҳам бошад ба писархондагии ба як подшоҳ супоридани писари подшоҳи дигар.*

***Ключевые слова:*** *Рим, Иран, Прокопий, Юстиниан, Ануширван, епископ, древо креста Господня, Месопотамия, Антиохия, Алеппо, Румия, сражение, победа, поражение*

*В предлагаемой статье рассматривается образ Хосрава, сына Кавада, – Ануширвана в "Войне с персами" византийского историка VI века Прокопия Кессарийского.Отмечается, что Прокопий, как византийский патриот, не может беспристрастно изобразить образ Ануширвана. Например, описывая те или иные сражения, Прокопий пишет, что целью большинства набегов был не столько захват территорий, сколько захват имущества. Тем не менее в ряде мест пишет, что Ануширвану была свойственна справедливость и на войне. Приводится пример сурового наказания за изнасилование женщин завоёванного города:Ануширван приговаривает виновника к смертной казни. Одной из особенностей образа царей в "Шахнаме" является, то что сасанидские цари примерно до Урмузда IV принимают личное участие в сражениях и принимают на себя командование армией. Отмечается, что как в греческих источниках, так в арабо-мусульмеских и в "Шахнаме" и источниках в сражениях с Византией, как правило, победителем выходят сасанидские цари. В результате, Византия соглашается платить дань Ирану. В изложении Прокопия проходит и одна деталь, незамеченная нами в источниках: Кавад, отец Ануширвана, обращается к Юстиниану с предложением усыновить сына, которого хочет назначить своим престолонаследником.*

***Key words:*** *Rome, Iran, Procopius, Justinian, Anushirvon, Bishop, Lion of the Holy Cross, Mesopotamia, Antioch, Aleppo, Rumia, battle, victory, defeat*

*The proposed article discusses the image of Khusrav Qubodon-Anoushervon in the work "War with the Persians" by the Greek historian Procopius of the 6th century, born in Caesarea. It is noted that the Roman philanthropist Procopius was not able to properly edit the original image of Anushervon. For example, describing certain battles, Procopius writes that the purpose of most raids was not so much the*

*seizure of territories, but the seizure of property. Nevertheless, in a number of places he writes that Anushirvon was just in the war and did not allow wrongdoings to be used. An example of severe punishment for the rape of women in a conquered city is given.The reward for committing this behavior was death. One of the peculiarities of the image of the kings in the Shahnoma is that the Sasanian kings up to about Urmuzd IV take a personal part in the battles and take command of the army. Both in the Greek sources and in the "Shahnoma" and Arab and Muslim sources, the Sassanid army was not defeated in battles with Rome until about the 6th century. As a result, Rome is obliged to pay tribute to the Sassanians. In the report of Procopius, there is a point that is not mentioned in the sources Kavad's father Anushirvan addresses Justinian with a proposal to adopt a son whom he wants to appoint as his heir to the throne.*

Муаррихи византиягӣ Прокопий зодаи Қайсария (лот.Prokopius Caesarensis) байни солҳои 490-507 дар Қайсарияи Фаластин таваллуд ёфта, баъд аз соли 567 вафот кардааст. Ӯ ба замони подшоҳии Анӯшервон дар ҷангҳои Руму Эрон ҳамчун мушовири сарлашкар Флавий (505-565) иштирок кардааст. Прокопий дар китоби “Ҷанг бо форсҳо” дар бораи баъзе паҳлӯҳои муносибатҳои шоҳаншоҳон Баҳроми Гӯр, Пирӯз писари Яздгирд, Қубоди Пирӯз ва аз ҳама муфассалтар дар бораи Хусрави Қубодон – Анӯшервон маълумоти таърихӣ ва бадеӣ додаааст.

Ба ривояти Прокопий шоҳаншоҳи Сосонӣ Қубод (488-531) чун аз ҷараёни талоши подшоҳӣ пас аз марги қайсар Анастасий (491-518) дар Рум огоҳ мешавад, ӯро андешаи такрори чуни аҳвол дар шоҳаншоҳӣ пас аз марги ӯ фаро мегирад.Аъёни мамалакат медонистанд, ки Қубод ба яке аз се писарони худ мулкро ба мерос хоҳад гузошт. Ва ин азми шоҳаншоҳ чандон писанди аъён набуд. Ба ҳукми анаъанаи подшоҳӣ мебоист ба Қобус писари калонӣ вогузор шавад. Аммо Қубод намехост ки чунин амр сурат гирад. Анъана монеъ буд, ки подшоҳӣ ба писари дуюми Қубод Зам вогузор шавад, зеро нуқси ҷисмонӣ дошт. Зам якчашма буд. Прокопий-менависад, ки бино ба “таомули эрониён якчашма ва ё касе, ки нуқси дигари ҷисмонӣ дорад”, наметавонад подшоҳ шавад [6,с.31].

Прокопий давом медиҳад, ки Қубод меҳри бештаре ба Хусрав дошт, ки аз хоҳари испаҳбуд ба дунё омада буд [6,с.468]. Қубод ба андеша меафтад, ки чун эрониён ба Зам ба фазли шуҷоати ӯ эҳтироми бузург доштанд, ба муқобили Хусрав қиём накунанд ва ба ин тариқа зарари ҷубронnопазире ба хонадон ва подшоҳӣ нарасонанд [6,с.32].

Қубод ба нигоҳи Прокопий ба хулосае меояд, ки беҳтар мебошад ҷангро бо румиён қатъ кунад ва ҳама сабабҳои ҷангро аз байн бибарад, ба шарте ки Хусрав чун писархонди қайсар Юстин (518-527) қабул карда шавад. Қубод гумон мекард, ки танҳо дар чунин аҳвол подшоҳии Хусрав боэътимод хоҳад шуд [6,с.32]. Бинобар ин Қубод ба ҳузури қайсар сафорат мефиристад ва номае низ менависад. Мо лозим медонем, ки матни номаро ба пуррагӣ биёварем, то намунае аз номаҳои шоҳон ба хонанда пешниҳод кунем. Мо, албатта медонем, ки нома, агар маҳсули хаёли Прокопий набошад, аз паҳлавӣ бояд ба юнонӣ тарҷума шуда бошад ва аз юнонӣ ба русӣ. Мо аз матни русӣ, ки ба қалами А.А. Чекалова тааллуқ дорад, тарҷума мекунем. Нома дар нигориши Прокопий унсурҳои маросимиро фаро нагирифтааст. Муроҷиат надорад, оғоз ва хотима ҳам надорад. Ва инак:

“Он чӣ мо аз зулми румиҳо чашидем, ту худат ҳам медонӣ. Ман қарор кардам, ҳама озорҳои шуморо ба пуррагӣ фаромӯш кунам. Эътиқод дорам, ғолибони ростин ҳамон одамон мебошанд, ки ҳарчанд ҳақ ба ҷониби онҳост, ба зарари худ ихтиёран ба дӯстон гузашт мекунанд. Дар баробари ин, ман аз ту як марҳаматеро илтимос мекунам, ки он на танҳо худи моро, балки ҳама раияти моро бо пайвандҳои хешовандӣ муттаҳид мекунад ва метавонад ҳама неъматҳои сулҳро ба фаровонӣ ба мо арзонӣ дорад. Ман ба ту пешниҳод мекунам, писари ман Хусравро, ки меросбари ман дар подшоҳӣ хоҳад буд, чун писархонди худ қабул кунӣ” [6,с.32].

Қайсар ин пешниҳодро ба хушнудӣ қабул мекунад, вале квестор (ҳуқуқдон)-и ӯ Прокл дар ин пешниҳод нияти ба тариқаи осоишта ба даст гирифтани ҳокимиятро мебинад ва маслиҳат медиҳад, ки пешниҳод рад карда шавад. Дар ҳамин асно аз Қубод номаи дигар меояд. Дар нома пешниҳод мешавад, ки Қубод намояндагони аъёни кишварро мефиристад, то паймони сулҳ ба имзо расад ва мавзуи писархонд қабул шудани Хусрав ифодаи хаттӣ ёбад [6,с.33]. Прокл боз ба шиддати бештар зид мебарояд ва пешниҳод мекунад, ки паймони сулҳ ҳарчи тезтар баста шавад. Барои ин ба император месазад, ки аз муқаррабони худ ҳайъате ба ҳузури Қубод фиристад. Ва агар пурсанд, ки расми писархондагӣ чӣ мешавад, ҷавоб бояд гуфт, ки қайсар омодааст, ин кор аз рӯи одати барбарон сурат гирад. Барбарон, давом медиҳад Прокл,

писархонадагиро аз тариқи мубодилаи номаҳо намекунанд. Онҳо ба писархонд силоҳ ва лавозимоти ҷангӣ тақдим мекунанд.

Бо ҳамин қайсар Юстин (518-527) сафирони Қубодро гусел мекунад ва мегӯяд, ки ба наздики сафорати бонуфузи Рум ба ҳузури шоҳаншоҳ фиристода хоҳад шуд, то масъалаи сулҳ ва масаъалаи писархондагиро ҳалл кунад [6,с.34]. Сипас фиристодаҳо ихтиёр карда мешаванд. Аз ҷониби Эрон ду нафар ва аз ҷониби Рум ҳам ду нафар ихтиёр мешаванд. Ҷониби эрониро Сеос (Сиёвуш) ва Мевод (Моҳбуд) намояндагӣ мекунанд. Сиёвуш дӯстӣ наздики шоҳ ва артишдоронсолори ба таъбири Артур Кристенсен вазири ҷанги Эрон [5,с.254] Эрон, ва Моҳбуд аз хонадони ашконии Суран – бонуфузтарин намояндаи ин хонадон буд [6,с.34].

Ҳайъатҳо дар хатти сарҳади ду кишвар мулоқот мероянд, то масъалаҳои мавриди баҳсро ҳал намуда, сулҳи устувор барқарор кунанд. Хусрав низ ба каронаи рӯди Даҷла меояд, ки аз он ҷо то Нисибис (Ниссибин) шаҳри маъруфи қадима дар Байнаннаҳрайн дар ҷанубу шарқи Туркияи имрӯза) масофаи дурӯза роҳ буд. Ӯ умедвор буд, ки чун мавзуи сулҳи устувор ҳал шавад, ба Рум равад [6,с.34].

Музокирот сари мавзуъҳои мавриди баҳс хеле давом мекунад. Сиёвуш таъкид мекард, ки Румиён ба зӯрӣ ва бе ҳеҷ гуна ҳуқуқ заминҳоеро гирифтаанд, ки аз қадим зери итоати форсиён буд. Сухан аз ҷумла дар бораи Лазика ва Колхида мерафт. Лазика ном қадимаи Колхида қаламравҳое дар Гурҷистони имрӯза аз соли 474 таҳти итоати Сосониён буд, вале соли 522, дини насрониро қабул намуда, ба тасарруфи Рум даромад.

Румиён иддаои Сиёвушро қабул наменамоянд. Вақте румиён дар бораи тариқаи писархондагии Хусрав пешниҳод мекунанд, эрониён ии пешниҳодро таҳқир медонанд, зеро ба назари ҳайъати Сосонӣ чунин муносибат таомули бародариро байни ду империя вайрон мекард. Бино ба ривояти таърихнигори асри VI румӣ Меанадр шоҳаншоҳ Анӯшервон ба император Юстиниан (527-565) бародар гуфта мурочиат карда буд [6,с.468]. Ҳамин нукта дар “Ҷанг бо форсҳо”-и Прокопий низ ифода ёфтааст. Фиристодагони Юстиниан ба ҳузури Анӯшервон қайсарро бародари шоҳаншоҳ сифат мекунанд [6,с.113].

Чун гуфтушунид ба нокомӣ анҷом меёбад, ҳайъатҳо пас мегарданд. Ин нокомӣ Хусравро водор мекунад, ки дар оянда қасоси худро аз румиён барои ин таҳқир бигирад [6,с.34]. Музокироти ҳайъати сосонӣ бо румиён барои Сиёвуш як оқибати талхеро ҳам меоварад. Моҳбуд аз болои Сиёвуш ба Қубод шикоят мекунад, ки Сиёвуш бе иҷозат мавзуи Лазикаро кушод ва ин амр музокиротро ба нокомӣ дучор кард. Сиёвуш, ки марде то ҳадде ҳавобаланд буд, душманони зиёде дошт. Ба гардани ӯ гуноҳи аз дини расмӣ баромаданро ҳам бор мекунанд. Вақте зани Сиёвуш мемирад, ӯ ҷасади маййитро ба хок месупорад. Ҳарчанд, менависад Прокопий, “қонунҳои форсиён ба хок супоридани ҷасади маййитро раво намедонанд”. Ҳамин тавр, Сиёвушро маҳкум мекунанд ва ба қатл мерасонанд [6,С.35]. Артур Кристенсен мулоҳизае дорад, ки Сиёвуш шояд ба сабаби таваҷҷуҳаш ба таълимот маздакия ба чунин ҷазои сахт маҳкум шуда бошад [5,с.257].

Прокопий аз як одати шоҳаншоҳи Сосонӣ дар бораи ҷанг маълумот медиҳад, ки дар сарчашмаҳои арабу мусулмонӣ нагузаштааст ва ҷолиб ба назар мерасад. Ӯ менависад: “Форсиён одате доранд: вақте онҳо ба муқобили душмане мераванд, подшоҳ дар тахт менишинад ва дар назди ӯ сабадҳои зиёде гузошта мешаванд. Ин ҷо сарлашкар низ меистад, ки ба ӯ фармондеҳии лашкар дар ин юриш ба муқобили душман супориш шудааст. Тамоми сипоҳиён танҳо-танҳо аз назди подшоҳ мегузаранд ва ҳар яке аз сипоҳиён як тири камон ба он сабадҳо мепартояд; сипас он сабадҳо, ки бар онҳо муҳри подшоҳ зада шудааст, нигоҳ дошта мешаванд. Вақте лашкар аз ҷанг ба Форс бармегардад, ҳар сипоҳӣ аз он сабадҳо як тири камон (ҳаданг) мегирад. Ҳадангҳои мондаро шуморида, онҳо ки вазифадори ин кор ҳастанд, ба подшоҳ арз мекунанд, чӣ шумор аз сипоҳиён барнагаштаанд. Ҳамин тариқ, шумори куштагон дар ин юриш муайян карда мешавад. Ин одати форсиён аз қадим муқаррар шудааст”[6,с.60-61].

Дар яке аз муҳорибаҳо бо румиён, менависад Прокопий, “Қубод сахт бемор мешавад. Яке аз муқаррабони худро, ки Моҳбуд ном дошт даъват намуда, дар бораи он, ки форсиён қарори ӯро дар бораи Хусрав дигар накунанд, машварат мекунад. Моҳбуд (Мевод) пешниҳод мекунад, ки подшоҳ тақозои иродаи худро хаттӣ нависад ва бовар мекунонад, ки форсиён ҳаргиз ҷуръат намекунанд, ки иродаи подшоҳро нодида гиранд. Сипас Кубод ошкоро иродаи худро дар бораи ба подшоҳии форсиён гумоштани Хусрав эълон мекунад. Ин номаро Моҳбуд ба дастони худ навишта буд. Ва Қубод ҳамон соат ин дунёро тарк кард” (6,с.67-68). Бино ба шаҳодати хронист

(воқеанигор) Иоанн Малала тарафи чапи Қубод шал мешавад. Ӯ ҳамагӣ панҷ рӯз бемор шуда буд. Қубод дар синни 82 солагӣ аз дунё гузашт ва подшоҳии ӯ 43 сол буд [6,с.475].

Пас аз ба дахма гузоштани Қубод Қобус даъвои подшоҳӣ мекунад. Вале Моҳбуд мегӯяд, ки бояд назари аъёни давлатро гирифт. Ӯ дар анҷумани аъён васияти Қубодро мехонад. Ва анҷуман Хусравро подшоҳи форсиён эълон мекунад. Ҳамин тавр Хусрав ба сари қудрат меояд [6,с.68].

Тақдири Моҳбуд, ба нигориши Прокопий, низ чун тақдири яке дигар аз ёрони Анӯшервон – Сиёвуш фоҷиавӣ мебошад. Моҳбуд ба ҷурми гӯё аз итотати Анӯшервон сар кашидан ба хориҳо кушта мешавад [6,с.74].

Мусаллам аст, ки ба иттифоқи оро Анӯшервон писари сеюм аз чаҳор писарони Қубод буд. Дар сарчашмаҳо омадааст, ки интихоби Анӯшервон ва устувор шудани ӯ дар мақоми шоҳаншоҳӣ бе ситези бародарон ва хунрезиҳо нагузаштааст. Вале маълум ҳам ҳаст, ки шояд бо назардошти эътибори воқеӣ ё пиндории Анӯшервон дар фарҳанги арабу мусулмонӣ, аз ҷумла фарҳанги сиёсии мусулмонӣ, сарчашмаҳои мусулмонӣ ин паҳлӯи масъаларо ногуфта гузоштаанд.

Дар бораи ситез ва талоши бародарон барои подшоҳӣ, новобаста ба васияти Қубод, асосан сарчашмаҳои юнонӣ, аз ҷумла Прокопий, маълумот медиҳанд. Прокопий чанд бандеро аз параграфи XXIII китоби худ “Ҷанг бо форсҳо” ба ситези бародарон ба муқобили подшоҳии Анӯшервон бахшидааст. Бино ба маълумоти Прокопий, аъёни мухолифи подшоҳии Анӯшервон хостанд Зам (Ҷом)-ро ба подшоҳӣ гузинанд. Чун медонистанд Зам, ки якчашма буд ва бино ба оини гузидани подшоҳ, наметавонист шоҳаншоҳ бишавад, писари ӯ – Қубоди хурдсолро интихоб намуданд. Ҳамзамон қарор карданд, ки то ба балоғат расидани Қубод зимоми давлатдорӣ ба дасти Зам хоҳад буд. Вале сирри андешаи табаддулот кушода мешавад ва “Хусрав чӣ худи Зам ва чӣ бародарони дигари худ ва ҳама бародарони Замро бо авлоди мардина ба куштан медиҳад... Вале ӯ наметавонист ҳеҷ Қубод писари Замро бикушад”. Ривояти канда-кандаи тақдири Қубод дар сарчашмаҳои юнонӣ ба назари муҳаққиқон, ба эҳтимоли қавӣ, аз анъанаи эронӣ гирифта шудааст [6,с.72].

Муҳаққиқони таърихи Эрони сосонӣ ин амрро инкор намекунанд. Аз ҷумла, Абдулҳусайни Зарринкӯб менависад: “Дуруст аст, ки салтанати Хусрав бо хунрезиҳои шадид оғоз шуд. Ва, махсусан, чун тавтиаи бародаронаш Ковус ва Ҷом, якчанд тахту тоҷро дар хатар афканд, ночор бародарон, бародарзодагон ва ҳатто ҷадди модарии хешро... ҳалок кард” [6,с.494].

Бино ба нигориши Прокопий подшоҳии Хусрав аз талоши румиён барои аз роҳи музокирот қатъ кардани ҷанг, ки дар мавзеи шаҳри Мартиропол мерафт, оғоз меёбад. Шаҳр дар каронаи Фурот дар ҷанубу шарқи Туркияи имрӯза ҷойгир мебошад. Румиён хабар медиҳанд, ки ба ҳузури шоҳаншоҳ сафорат хоҳанд фиристод. Ва изҳори омодагӣ менамоянд, ки то рафтани сафорат чанд тан аз бузургони он мавзеъро ба гаравгон бигузоранд (6,с.68). Ва дар ҳақиқат чор нафар аз бузургони Рум ба музокирот ба ҳузури Хусрав мерасанд. Баробари расидани ҳайъат Хусрав гаравгононро озод мекунад.

Сипас дар ҷараёни гуфтушунид Хусрав розӣ мешавад, ки ба ивази як саду даҳ кентинарий тилло (як кентинарий баробари 100 либр ва як либр баробари 327, 45 гр.) сулҳи доимӣ имзо кунад. Азбаски чанде аз шартҳои Анӯшервон писанди Юстиниан нашуда буд, сардори ҳайъати румиён Руфин тавалло мекунад, ки Анӯшервон пулро бозпас гардонад. Хусрав ҳамин корро мекунад [6,с.71]. Ва ниҳоят соли 532 паймони “сулҳи доимӣ” байни Рум ва Эрон ба имзо мерасад.

Мебояд гуфт, ки “сулҳи доимӣ” чандон устувор набуд, ва чунин маънӣ надошт, ки тарафҳо аз даргириҳо худдорӣ кунанд. Ба ин маънӣ Прокопий дар оғози китоби дуюми “Ҷанг ба форсҳо” ишорае дорад ва сабаби эҳтимоли даргириро баъзе иддаоҳои Анӯшервон медонад [6,с.87]. Кор ба ҷое метавонист расад, ки Анӯшервон аз паймони сулҳи доимӣ барояд. Ҳамин нукта, яъне рағбати Анӯшервонро, ки мехоҳад аз паймони сулҳи доимӣ бо Рум барояд, Прокопий дар чанд ҷои дигар ҳам таъкид мекунад. Ба қавли Прокопий Анӯшервон Юстинианро ба он муттаҳам мекунад, ин қайсар қаламрави империяи худро мехоҳад васеътар намояд. Прокопий чун ватанхоҳи румӣ дар ин саъйи Юстиниан (527-565) мояи ифтихори подшоҳиро мебинад. Ва шояд барои Анӯшервон ёдовар мешавад, ки Куруш ва Искандари Македонӣ низ ҳамин корро карда буданд [6,с.90]. Ниҳоят Анӯшервон, ба ривояти Прокопий, омодагӣ мегирад, ки ба соли сездаҳуми подшоҳии Юстиниан – соли 539 аз паймони сулҳ барояд [6,с.94].

Чунин нияти Анӯшервон ба қавли Прокопий аз назари Юстиниан пӯшида намемонад. Юстиниан ба хулосае меояд, ки ба ҳузури Анӯшервон номае ба дасти фиристодаи санҷидае фиристад. Ба сифати фиристода марде бо номи Анастасий, ки дар яке аз муҳорибаҳои Дара – истеҳкоми наздисарҳадии Рум дар Байнаннаҳрайн – корнамоии шоиста нишон дода буд, интихоб мешавад. Мазмуни матни номаи Юстинианро ба Анӯшервон Прокопий тақрибан ба пурраги овардааст. Юстинаин чунин менависад, ки мардони ба дараҷаи лозима худотарс мебояд сабабҳои хуруҷи ҷангро, махсусан байни одамоне, ки дӯст ҳастанд, рафъ кунанд. Мардоне, ки аз Худо наметарсанд одатан ба баҳонаҳои бепоя барои ангехтани ҷанг ва ноороми дода мешаванд. Онҳо бе душворӣ сулҳро нодида мегиранд ва ҷангро ихтиёр мекунанд, зеро бино ба қонуни табиат дар ниҳоди одамони ношоиста ҳиссиёти басо зишт ба осонӣ бедор мешавад. Аммо касонеро, ки худсарона ҷангро сар кардаанд, ба фикрам, ба осонӣ наметавон ба сулҳ водор намуд. Вале ту моро барои номаҳое, ки бе ҳеҷ ғараз навишта будем, накӯҳиш мекунӣ ва мехоҳӣ, ки он номаҳоро ба хоҳиши худ шарҳ бидиҳӣ. На ба он маънӣ, ки мо навишта будем, балки ба он маънӣ, ки барои амалӣ намудани рағбати ту созгор аст. Дар ин ҷо ту саъй мекунӣ, то сабаби ваҷеҳ ҳам дошта бошӣ. Мо ба осонӣ метавонем нишон диҳем, ки чанде пеш Аламундари (ал-Мунзир – амири лахмӣ) ту ба заминҳои мо тохт ва замони сулҳ корҳои басо даҳшатовар кард: гирифтани истеҳкомҳо, ғорат кардани молу мулк, куштани одамон ва ғулом гардонидани хеле одамон. Дар ин бора туро намебояд ба мо шикоят кунӣ, туро мешояд дар назди мо ваҷҳ кунӣ, ки чаро чунин шуд. Онҳо, ки сазовори маломат ҳастанд на афкор, балки корҳоро ба ҳамсоягон бояд нишон диҳанд. Бо ин ҳама, ба ин аҳвол нигоҳ накарда, мо ният дорем, ки сулҳро эҳтиром кунем. Мо инчунин шунидем, ки ту ба нияти ҷанг бо румиён, даъвоҳое мебофӣ, ки ба мо ҳеҷ муносибат надоранд. Оре ин мусаллам мебошад: онҳое, ки мехоҳанд муносибатҳои ҳозираро нигоҳ доранд, новобаста ба он, ки метавон маломати ҷиддӣ баён намоянд, аз изҳор намудани айб ба муқобили дӯстони худ худдорӣ мекунанд. Аммо онҳое, ки пайвандҳои дӯстӣ наметавонад қонеашон кунад, баҳонаҳои бепоя мебофанд. Чунин рафтор аз ҷониби фуқаро ба назар ношоиста менамояд, чӣ расад аз ҷониби подшоҳон. Вале ту ин ҳамаро як су гузор ва фикр кун, ки чӣ қадар одамон аз ҳарду тараф дар ин ҷанг кушта мешаванд, ва аз рӯи адолат, кӣ гуноҳи он чӣ рух хоҳад дод, ба гардан мегирад. Савгандҳоро, ки ту пулро гирифта хӯрда будӣ, ба ёд ор. Ҳарчанд ту ба таври ғайриқонунӣ он савгандҳоро написандидӣ, вале наметавонӣ онҳоро ба ҳеҷ гуна найранг ва ё дурӯғ таҳриф кунӣ, зеро Худо беҳад қудратманд аст, то ҳар гуна одамон тавонанд Ӯро фиреб диҳанд [6,с.96-97].

Месазад дар хотир нигоҳ дошт, ки Прокоий мушовири сарлашкари Рум Флавий буд ва он чӣ ӯ менависад, мусалламан бештар нуқтаи назари ҷониби румиро ифода мекунад. Ба назари Прокопий новобаста ба талошҳои ҷониби румӣ, ки кор ба ҷанг накашад, баҳори соли 540 Анӯшервон ба қаламрави империяи Рим лашкар мекашад. Дар нигориши ҳамин муаллиф дар "Ҷангҳо бо форсиён" асосан муҳорибаҳои Анӯшервон ҳамчун сарлашкар бо лашкари Рум дар Сурия ва Миёнрӯдон (Месопотамия) байни солҳои 540-545 ва сипас ҷангҳои Анӯшервон дар Лазика – хоки Гурҷистони имрӯза аз соли 541 то 562 инъикос ёфтааст. Мақсади муҳорибаҳои Анӯшервонро асосан гирифтани ғанимат ва маҷбур кардани қаламроваҳо ба супоридани боҷ ташкил медода будааст.

Нахуст шаҳре, ки Анӯшервон мехоҳад ба тасарруфи хеш дарорад шаҳри ба таъбири Прокопий Зиновия буд [6,с.98]. Зиновия (шаҳри Зубайда) имрӯзҳо ба номи Пальмира (Тадмур) шинохта мешавад. Амири араби ин шаҳр Узайна (Оденат) ҳанӯз пеши лашкари Шопури Ардашерро гирифта буд. Дар мавзӯи шикасти лашкари Шопур ҳангоми бозгашт ба Миёнрӯдон аз юриши минтақаҳои шарқии империяи Рум, ки солҳои 260-262 рух додааст, сарчашмашмаҳои исломӣ ҳеҷ маълумоте надодаанд. Вале, аз ҷумла, бино ба қавли Агафий дар "Андар подшоҳии Юстиниан" маълум аст, ки амири араби Тадмур (Palmyre - Пальмира ) воҳаи ободе дар бодияи Шом, Узайна (Аденат) ба лашкари Шопур ҳамла мекунад ва шикасти назаррасе ҳам ворид месозад [1,с.129]. Артур Кристенсен дар "Эрон дар замони Сосониён" шубҳа надорад, ки моҷарои Шопур бо Узайна ва сипас зани ӯ малика Зайнаб (Заннубия) то соли 265 боиси перешонии сипоҳиёни Сосонӣ дар Сурия буд [5,с.165].

Сипас Анӯшервон ба шаҳри Сурон дар соҳили Фурот мерасад. Шаҳри истеҳком муқовимати сахт мекунад, аммо бо кушта шудани амир худ – Аршак сипоҳи Сурон рӯҳафтода мешавад. Мақомоти шаҳр ба нияти пурсидани амон ба ҳузури Анӯшервон усқуфи шаҳр ва чанде аз ходимони канисаро "бо мурғ, май ва нони сафед" мефиристанд [6,с.98]. Хусрав вонамуд мекунад, ки таваллои усқуфро пазируфтааст. Ва ҳилае ба кор мебарад, ки усқуфро сипоҳиёни

санҷида то дарвозаи шаҳр гусел намоянд ва коре кунанд, ки дарвоза пӯшида нашавад. Анӯшервон шаҳрро мегирад, халқи бисёреро мекушад ва ё асир мегирад, шаҳрро месӯзонад ва ба хок яксон мекунад. Ба қавли Прокопий Анӯшервон барои ин чунин зулмро раво дидааст, ки мардуми шаҳрҳои дигар аз лашкари ӯ битарсанд [6,с.99].

Баъд аз ин Анӯшервон ба иззати бонуи басо соҳибҷамоли суроние, ки ба занӣ гирифта буд, ба усқуфи Сергиопол (Русофа) Кандид пешниҳод мекунад, то дувоздаҳ ҳазор асирро ба ду кентинарий зар бихарад. Кандид менависад, ки ӯ чунин пулро надорад. Сипас Анӯшервон пешниҳод мекунад, ки усқуф забонхат нависад, ки дертар ин маблағи ночизро ба ивази дувоздаҳ ҳазор бандӣ хоҳад дод. Усқуф ба ин шарт розӣ мешавад, ки маблағро дар давоми як сол бидиҳад [6,с.100].

Ҳадафи навбатии сипоҳи Анӯшервон метавонист шаҳри Антокия бошад. Амири лашкари Антокия бародари Юстиниан Герман чун умеди хулро аз қайсар ва лашкари ӯ меканад, қарор мекунад, ки ба Хусрав пул пешниҳод кунад, то шаҳр хароб нашавад. Юстиниан ҳангоми фиристодани Герман ваъда дода буд, ки сипоҳи бузурге ба ёрии ӯ фиристад. Ба ин мақсад ӯ усқуфи Вероя (Ҳалаби имрӯза) Мегасро ба ҳузури Анӯшервон, ки дар наздикии Иеропол буд, мефиристад.

Анӯшервон розӣ мешавад, ки ба ивази даҳ кентинарий зар қаламрави империяи Римро ба ҳоли худ гузорад [6,с.103]. Хусрав, сипас баъди гирифтани маблағ роҳи Верояро пеш мегирад. Баробари расидан ба Вероя Анӯшервон товон талаб мекунад. Аҳли Вероя пас аз пардохт ду ҳазор либр сим , изҳор мекунанд, ки дигар дода наметавонанд. Хусрав, то аҳолии шаҳрро уқубат кунад, бе муқовимат ба шаҳристони Вероя ворид мешавад ва қарор мекунад, ба ҳомиёни шаҳр, ки дар қалъа буданд, ҳуҷум кунад. Хусрав тақрибан тамоми шаҳрисстонро месӯзонад. Азбаски сипҳиёни Вероя ба даруни қадъа аспҳо ва ҳайавоноти дигарро ҳам гирифта буданд, чашмаи ягонаи қалъа тоб намеорад ва муҳофизон аз ташнагӣ ба вартаи ҳалокат наздик мешаванд [6,с.104].

Вобаста ба Антокия менависад Прокопий румиён қотеона ба пешниҳоди Мегас розӣ намешаванд, ки маблағи даҳ ҳазор қинторро ба Анӯшервон супоранд. Усқуф Мегас ба Вероя (Ҳалаб) ба хузури Аӯшервон бармегардад. Мегас бо зорию тавалло ва мантиқи қавии баён Анӯшервонро розӣ мекунонад, ки мардуми қалъаро озод кунад ва ҳеҷ озоре ба онҳо наросонад [6,с.106].

Сипас Анӯшервон ба муҳосираи Антокия яке аз машҳуртарин шаҳрҳои қадимаи Рум дар сарҳади имрӯзаи Туркияву Сурия мегузарад. Прокопий Антокияро "шаҳри қадим, овозадор, ва якуми Рум дар Шарқ" медонад. Анӯшервон шарт мегузорад, ки агар мардуми шаҳр даҳ кентарий зар пардозанд, ӯ шаҳрро ба ҳоли худ хоҳад гузошт. Мардуми шаҳр густохиҳо мекунанд ва пешниҳоди Анӯшервонро рад менамоянд. Ба бадали густохиҳо ва дашномҳо, Анӯшервон ба фатҳи Антокия шуруъ мекунад. Шоҳаншоҳ, менависад Прокопий, бо як дастаи сипоҳиён шахсан ба ҳуҷум ворид мешавад. Пас муҳорибаи шадид, ниҳоят лашкари Антокия шикаст мехӯрад ва ҳангоми фирор аз шаҳр дар назди дарвоза одамони зиёд зери по мешаванд ва ба ҳалокат мерасанд. Прокрпий меафзояд, ки Анӯшервон фармон медиҳад, ҳама аҳоли шаҳрро ба асорат гиранд, шаҳрро ба истиснои як каниса бисӯзанд.Ба фазли талошҳои дипломатӣ Анӯшервон розӣ мешавад, ки ба ивази якбора панҷоҳ кентинарий тилло ва боз ҳар сол панҷ ҳазор кентинарий, аз Антокияи валангор биравад [6,с.114]. Сипас Анӯшервон ба шаҳри дигари Сурия Апамеа меравад. Дар ин шаҳр дар канисае ба эътиқоди мардум порае аз чӯби дори ҳазрати Исо чун балогардон нигоҳ дошта мешуд. Усқуфи шаҳр ба пешвози Анӯшервон мебарояд, то сулҳ пешниҳод кунад. Анӯшервон ин пешниҳодро гӯё қабул мекунад ва изҳори хоҳиш менамояд, ки шаҳрро бубинад. Усқуф розӣ мешавад ва шоҳаншоҳ бо дусад нафар сипоҳиёни баргузида вориди шаҳр мешавад. Сипас чун дарвозаҳои шаҳр кушода буданд, лашкари асосӣ вориди шаҳр шуда, онро ба тороҷ медиҳад. Ҳангоми ғорат ва вайрон намудани Апамея Анӯшервон таваллои усқуфро, ки чӯби дори ҳазрати Исоро ба ғанимат набарад, розӣ мешавад [6,с.116]. Маълум аст, ки меросбарони Анӯшрвон ба муқаддасоти гаравидагони динҳои дигар чунин арҷро намегузоштанд ё камтар мегузоштанд.

Чунончи, қиссаи муқаддасоти насронӣ дар сарчашмаҳои арабию мусулмонӣ бештар роҷеъ ба мавзӯи "чӯби дори Масеҳо" (древо креста Господня), ки онро сипоҳиёни Хусрави Парвиз ҳангоми фатҳи Уршалим аз канисаи Анастиас соли 614 ё 615 ба ғанимат бурда буданд, инъикос ёфтааст. Ба ривояти Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, Пӯрондухт "чӯби салибро ба подшоҳи Рум ба воситаи католикос, ки Ишуаи Ҳабаш мегуфтандаш, бозгардонд" [7,с.82]. Дар

бозгӯи Абуалии Балъамӣ ин рӯйдод, ки барои олами насронӣ аҳамияти бағоят муқаддас дошт чунин омадааст: "Ва он чӯби чалипо, ки аз Рум оварда буданд ва Парвиз боз надода буд, онро ба малики Рум боздод". Боз чун Балъамӣ менависад, ки: "Дар рӯзгори ӯ Пайғомбари мо Муҳаммади Мустафо салавоту-л-лоҳи алайҳи аз дунё муфор иқат кард", метавон мулоҳизае ҳам пешниҳод кард, ки бозгардонидани салиб соли 632 сурат гирифтааст [2,с.654]. Ин мулоҳиза моро водор мекунад, ба қавли қудомо мурочиат кунем ва бигӯем, ки во-л-лоҳу аълам би-с-савоб, зеро чунин муҳаққиқи варзидаи таърихи замони Сосониён, ба монанди Артур Кристенсен бо такя ба қавли Теодор Нёлдеке ақида дорад, ки бозгардонидани "дори Масеҳо" ба замони подшоҳии Озармдухт, соли 629 ба вуқуъ пайвастааст [5,с.357]. Бо ҳама эҳтиром, ки мо ба Абуалии Балъамӣ дорем, наметавонем бигӯем, ки Пӯрондухт то соли 632 подшоҳӣ мекард. Дар бораи Пӯрондӯхт Табарӣ боз менависад, ки: "Ӯ ба Пайғамбар салла-л-лоҳу алайҳи ва саллам, ҳадя фиристод ва ҳадя пазируфта шуд" [7,с.447].

Новобаста ба он, ки Прокопий дар бораи Анӯшервон бештар ба оҳанги нохушоянд ва итоб менависад, дар чанде мавзуъҳо муаллифи "Ҷангҳо бо форсиён" наметавонад аз адолат ё ҷавонмардии шоҳаншоҳ ёдовар нашавад. Чунончи, дар Апамея марде аз фуқарои ин шаҳр ба Анӯшервон шикоят мекунад, ки сипоҳие ба хонаи ӯ даромадааст ва ба номуси зани ӯ таҷовуз кардааст. Анӯшервон мефармояд сипоҳии гунаҳкорро бо фона задан ба қатл расонанд [6,с.117].

Сипас Анӯшервон ба Халкида раҳсипор мешавад. Анӯшервон шаҳрро муҳосира мекунад ва ба воситаи тарҷумон Павел шарт мегузорад, ки аҳолии шаҳр хунобаҳо диҳанд ва ҳама ҷанговаронро бо сардории фармондеҳашон ба эрониён супоранд. Аҳолии шаҳр, ки бенаво буд ба азоб ду кентинарий зар медиҳанд ва ба ин амал аз балои ғорат ва вайронӣ раҳоӣ мейбанд [6,с.117].

Сипас шоҳаншоҳ аз хоки Сурия берун меравад ва фармон медиҳад, ки ҳарчӣ бештар Миёнрӯдонро (Месопотамия) ғорат бикунанд. Дар ҳамин тараддуд Анӯшервон, менависад Прокопий, хост шаҳри Эдессаро бигирад. Эдесса, ки маркази музофоти таърихии Осроена буд, дар ҷанубу шарқи Туркияи имрӯза воқеъ мебошад. Ин шаҳр дар замонҳо қадим яке аз марказҳои дини насронӣ буд. Мардуми шаҳр эътиқод доштанд, ки ба дуои ҳазрати Исо Эдессаро ҳаргиз барбарон наметавонанд забт кунанд [6,с.120]. Зиёда аз ин, ба ривояти Прокопий, ҳангоми юриш ба Эдесса лашкар ду бор раҳгум мезанад ва Анӯшервон сахт шамол хӯрда, сару рӯяш варам мекунад. Баъд аз каме гуфтушунид Анӯшервон розӣ мешавад, ки ба бадали ду кентинарий тилло Эдессаро ба ҳоли худ гузорад [6,с.120].

Сипас дар роҳи бозгашт ба Эроншоҳр, Анӯшервон дар муҳосираи шаҳри Дара муваффақ намешавад ва ба ивази ҳазор либр сим аз ин шаҳр ақиб нишаста, роҳи сарзамини форсиёнро пеш мегирад. Анӯшервон ба ватан бармегардад ва дар масофаи якрӯза роҳ аз Ктисифон шаҳреро бар гунаи Антокия месозад ва онро Антокияи Хусрав ном мегузорад [6,с.123]. Ба ривояти "Шоҳнома" Анӯшервон фармон медиҳад, ки дар Эронзамин шаҳре як ба як ба монанди Антокия бисозанд [6,с.125127]. Ба қавли Табарӣ ин шаҳрро дар наздики Мадоин месозанд ва номашро Румия мегузоранд [7, с.35]. Ва ахиран ба ривояти "Шоҳнома" қайсари Рум розӣ мешавад, ки ба Эрон бож супорад, то оташи ҷанг фурӯ нишонида шавад.

Инъикоси образи Хусрави Қубодон – Анӯшервон дар "Ҷанг бо форсиён"-и Прокопий зодаи Қайсария ба воқеияти таърихӣ чандон мухолифат намекунад. Новобаста ба баъзе иситисноҳо Анӯшеравони Прокопий ба таври умумӣ ҳамон Анӯшервон аст, ки дар "Шоҳнома" инъикос ёфтааст. Ба шаҳодати "Шоҳнома" подшоҳии Анӯшервон пас аз гузаронидани баъзе тадбирҳо дар дохили шоҳаншоҳӣ аз набардҳо бо румиён идома мейбад.

Дар гузориши Прокопий як нуктае мегузарад, ки дар ҳеҷ сарчашмаи дигар ба чашми мо нарасидааст. Сухан дар бораи рағбати писархондагӣ меравад, ки Қубоди Пирӯз аз Юстиниан хоста буд, то Анӯшервонро писархонд кунад. Ғараз аз ин рағбат аз он иборат буд, ки шояд ба пайравӣ аз анъанаи ба занӣ хостани духтари подшоҳон аз ҷониби подшоҳи кишвари дигар хавфи душманӣ байни ин ва он кишвар пасттар карда шавад. Ба таҳқиқи хитойшиносон чунин анъана дар Хитои ибтидои асрҳои миёна низ будааст. Чунончӣ Баринова Е.Б. дар мақолае менависад, ки сулолаҳои хитоӣ ба ҳамсоякишарҳои худ паймонҳое тахти унвони "паймон дар бораи сулҳ ва хешовандӣ" мебастанд [3,с.2].

Боз ҳам дар гузориши Прокопий як хусусияти подшоҳони Сосонӣ инъикос ёфтааст, ки дар набардҳо чанде аз онҳо бевосита иштирок мекарданд ва фармондеҳии лашкарро ба ӯҳда ҳам доштанд. То ҷое, ки аз сарчашмаҳои юнонӣ бармеояд, на Александр Север ба муқобили Ардашери Бобакон ва на Юстиниан ба муқобили Анӯшервон наҷангидаанд. Пеш аз

Анӯшервон, Баҳроми Гӯр шоҳаншоҳе буд, ки шоҳаншоҳиро то андозае аз балои лашкари хоқони Турк наҷот дода буд. Ва дар фароварди мақола месазад ёдовар шуд, ки дар “Шоҳнома” дар бахши “Подшоҳии Кисро Анӯшервон” ҷангҳои Эрон ва Рум дар 318 байт нигошта шудааст ва ба моҳияти хати сюжет аз нигориши Прокопий чандон фарқ намекунад [8, С.104-131].

## ПАЙНАВИШТ:

1. Агафий, Миринейский. О царствовании Юстиниана.- М-Л, 1953.- 232 с.
2. Балъамӣ, Аюӯалӣ.Таърихи табарӣ.-Теҳрон, 2001.-1ҷ.-825 с.
3. Баринова,Е.Б.Взаимодействие Китая с Западными территориями в древности и средневековье/Е.Б.Баринова//Диалог со временем.-2012.-Вып. 40.- С. 94-117 .
4. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Таърихи мардуми Эрон пеш аз ислом.- Теҳрон, 1999.- 614 с.
5. Кристенсен, Артур.Эрон дар замони Сосониён. Тарҷумаи Рашид Ёсамӣ.- Теҳрон, 2007.- 464 с.
6. Прокопий, Кессарийский. Война с персами, война с вандалами, тайная история.-Москва, Наука, 1993.-578 с.
7. Табарӣ Муҳаммад ибни Ҷарир.Таъриху-р-русули ва-л-мулук.- Қоҳира, 1979.-3ҷ.- 632 с.
8. Фирдавсӣ, Абулқосим.Шоҳнома.- Душанбе, 1990.-8ҷ.- 612 с.

## REFERENCES:

1. Agathius, Mirineisky. On the reign of Justinian.- M-L, 1953.- 232 p.
2. Balami, Abuali. History of Tabari.-Tehran, 2001.-1 vol.-825 p.
3. Barinova, E.B. Interaction of China with the Western Territories in Antiquity and the Middle Ages / E.B. Barinova // Dialogue with the Times.-2012.-Iss. 40.- P.94-117.
4. Zarrinkub, Abdulhusain. History of Iranian people before Islam.- Tehran, 1999.- 614 p.
5. Christensen, Arthur. Iran under the Sassanids.Translated by Rashid Yosami.- Tehran, 2007.- 464 p.
6. Procopius, of Caesarea. The war with the Persians, the war with the vandals, a secret history. - Moscow, Nauka, 1993. - 578 p.
7. Tabari Muhammad ibn Jarir. Tarikh-ur-rusuli wa-l-muluk. - Cairo, 1979. - 3 vol. - 632 p.
8. Firdavsi, Abul Qassim. Shahnoma. - Dushanbe, 1990. - 8 vol. - 612 p.